*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 121 (4541) | ШАНБЕ, 1 ОКТЯБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

Маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон





# ИТТИЛОИЯ

**29 сентябри соли 2022 таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд.**

Дар он нахуст раиси ноҳияи Шаҳритуси вилояти Хатлон Ғаффор Ҷабборӣ «Оид ба рафти иҷрои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» гузориш дод.

Зикр гардид, ки ноҳияи Шаҳритус субвенсионӣ буда, ҳар сол зиёда аз 20 миллион сомонӣ маблағ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷети маҳаллӣ ворид мегардад. Дар шаш моҳи аввали соли 2022 нақшаи буҷет, бо назардошти андози иҷтимоӣ ва буҷети маҳаллӣ 28 миллиону 669 ҳазору 500 сомонӣ иҷро шуд, ки 103,6 фоизи нақшаи андозро ташкил менамояд.

Давоми шаш моҳи соли 2022 мувофиқи «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шаҳритус барои солҳои 2021-2025» аз 94 лоиҳаи пешбинишуда 38 лоиҳа ба маблағи 54 миллиону 419 ҳазор сомонӣ амалӣ гардид, ки 36 фоизи нақша мебошад. Дар ноҳия ҳафт лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ амалӣ гардида истодааст, ки маблағи умумии азхудшуда 2,3 миллион доллари америкоиро ташкил медиҳад.

Маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ то шаш моҳи аввали соли 2022 дар ҳама шакли хоҷагидории ноҳия 443 миллиону 657 ҳазор сомониро ташкил дод. Содироти маҳсулоти кишоварзӣ дар давраи ҳисоботӣ тибқи нақша 6350 тонна буда, 6398 тонна ё ин ки 102,8 фоиз иҷро гардидааст. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 90 миллиону 885 ҳазор сомонӣ баробар гардид.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарияти Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳритус супориш доданд, ки фаъолиятро оид ба таъмини рушди устувори бахшҳои гуногуни иқтисодиёти ноҳия пурзӯр намоянд, оид ба ислоҳи камбудию норасоиҳои ҷойдошта, иҷрои пурра ва саривақтии қисми даромади буҷет, кам кардани бақияпулиҳои андоз, истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетӣ, пардохти саривақтии музди меҳнат, нафақа ва дигар кумакпулиҳо тадбирҳои мушаххас андешанд, ба истифодаи самараноки заминҳо, таъсиси корхонаҳои саноатӣ, сохтмони иншооти маишию варзишӣ, вусъати корҳои ободонӣ, ташкили ҷойҳои нави кор ва дар маҷмӯъ ба масъалаи беҳдошти сатҳи зиндагии сокинони ноҳия, таваҷҷуҳи хоса зоҳир намоянд.

Сарвари давлат ба раиси ноҳияи Шаҳритус барои ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта чор моҳ муҳлат доданд.

Дар кори маҷлис, ҳамчунин, масъала «Дар бораи таҳияи дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 ва параметрҳои асосии он барои солҳои 2025-2026» мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Таъкид гардид, ки лоиҳаи фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол бо мақсади сифатнок ва сари вақт таҳия намудани дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супориш доданд, ки Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо то 1 июни соли 2023 лоиҳаи дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 ва параметрҳои асосии онро барои солҳои 2025-2026 ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Сипас, аъзои Ҳукумати мамлакат лоиҳаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ва 8 хулосаи Ҳукумати мамлакат, аз ҷумла «Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Оид ба пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷовидон гардонидани хотираи ҳалокшудагон ҳангоми ҳифзи Ватан», «Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ», «Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» ва «Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон»-ро таҳлил карда, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуданд.

Инчунин, масъалаҳои дигар «Дар бораи «Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037», «Дар бораи «Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040», «Дар бораи «Барномаи рушди муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумии хусусӣ барои солҳои 2022-2027» ва «Дар бораи «Низомномаи тартиби гузаронидани ҷамъомадҳои ҳарбӣ бо шаҳрвандоне, ки дар ҳайати эҳтиёт қарор доранд» мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Дар охир Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иҷрои дастурҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, омодагии ҳамаҷониба ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2022-2023, истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, захираи кофии маҳсулоти озуқа, сӯзишворӣ, вусъати корҳои ободонию созандагӣ ҷиҳати истиқболи сазовори ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҳукумати мамлакат, роҳбарияти вазорату идораҳои давлатӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо супоришҳои мушаххас доданд.

---

**www.president.tj**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 сентябри соли 2022, № 466, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи директори генералии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷик Эйр» озод намудани Исматуллозода Д.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Исматуллозода Дилшод бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи директори генералии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷик Эйр» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 сентябри соли 2022, № 467, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи сардори Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёти Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Ганҷалзода Ш. Р.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ганҷалзода Шералӣ Раҳмон бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи сардори Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёти Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 сентябри соли 2022, № 468, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи директори Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Бобозода Ш.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Бобозода Шавкат аз вазифаи директори Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 сентябри соли 2022, № 469, ш. Душанбе**

**Дар бораи директори генералии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷик Эйр» таъин намудани Шодмонзода П. А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Шодмонзода Парвиз Абдураҳим директори генералии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷик Эйр» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 сентябри соли 2022, № 470, ш. Душанбе**

**Дар бораи сардори Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёти Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Қурбонзода Д. Қ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қурбонзода Далер Қурбон сардори Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёти Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

Ба ифтихори Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ЗАБОН ВОСИТАИ МУҲИМТАРИНИ ТАРБИЯИ МИЛЛИСТ

**Олимҷон МУҲАММАДҶОНЗОДА,**
**раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми филология, профессор**



**Ҷаҳони пуртазод ва суръатнок дигаргуншавандаи муосир ба равандҳои иҷтимоиву сиёсӣ, вазъи дохиливу хориҷии кишварҳо ва муносибатҳои байналмилалӣ таъсир расондааст. Чунин тағйирпазирии динамикии ҳолати ҷаҳон кишварҳои тозаистиқлол, аз қабили Тоҷикистонро пайваста ба мустаҳкам кардани мақому мартабаашон такон дода, онҳоро барои таҳлилу таҳқиқи пайваста ва ҷустану истифода кардани роҳу усулҳои таҳким бахшидани ваҳдату ягонагии ҷомеаҳояшон водор месозад. Яке аз чунин арзишҳои бо ҳам пайванд, ки нақши боризе дар ин раванд дорад, забони миллӣ, манфиати миллӣ ва ваҳдати миллӣ ба шумор меравад.**

Забон қисми ҷудонопазири таркибии ҳама гуна фарҳанги миллӣ буда, ошноии пурра бо он ҳатман, на танҳо омӯзиши таърихи моддӣ, таърих, ҷуғрофиё, иқтисодиёт ва ғайра, балки кӯшиши дарки тарзи тафаккури миллат, бо чашмони соҳибони фарҳанги мазкур дидани оламро дар назар дорад. Маҳз, забон муттаҳидкунандаи асосии нишонаҳои миллат мебошад, зеро ягон ғояву мароми умумӣ, арзиши фарҳангӣ ва иқтисоди умумӣ бидуни фаҳмиши ягонаи рамзҳои калимавии дар муошират истифодашаванда имконнопазир буда, он ҳамчун воситаи интиқоли муқарраароти фарҳангӣ хидмат менамояд. Мутафаккирони бузурги тоҷик забонро оинаи рӯҳу равони халқ донистаанд. Бинобар ин, ҳар як давлате, ки аз оянда андеша менамояд, пеш аз ҳама, дар масъалаи забон мутамарказ мешавад.

Забони тоҷикӣ ҳамчун моликияти гаронарзиши халқ дар якчанд шакли зоҳиршавӣ вуҷуд дорад. Забони миллии мо шиносномаи миллат ва нишонагари ҷои сукунати он мебошад. Он мафҳуми иҷтимоӣ-таърихиест, ки забони муоширати миллатро дар ду шакл - шифоҳӣ ва хаттӣ ифода менамояд. Аз ҷиҳати сохтори дохилӣ забони миллӣ меросбари забони халқ мебошад.

Забон, ҳамзамон бо миллат пайдо шуда, натиҷаи эҷоди он воситаи тафаккури вижаи миллӣ мебошад. Асосгузори назарияи забоншиносӣ В. Гумболд дуруст мефармояд, ки «забон нафас, рӯҳи миллат аст». Ҳамин хусусияти забонро дар назар дошта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фармудаанд: «Танҳо забон аст, ки дар ҳама давру замон таърихи воқеӣ ва ростини миллатро дар ҳофизаи худ нигоҳ медорад». Забони миллӣ шаклест, ки дар худ арзишҳои маънавиро ҳифз карда, онҳоро аз насл ба насл интиқол медиҳад ва онҳоро халқ дар таърих ба вуҷуд овардааст. Миллате, ки забони модариашро ҳифз намекунад, ба он арҷ намегузорад, оянда надорад, зеро он маҳз ҳамон ченаки абадиву устуворест, ки бе он ягон дастоварди илмӣ ва маърифативу иттилоотӣ ғайриимкон аст.

Забони тоҷикӣ яке аз забонҳои қавӣ ва соҳибхати дунё ба шумор рафта, ҳанӯз дар асри X мақоми давлатӣ гирифтааст. Ин падидаи таърихӣ бо давлатдории Сомониён марбут буда, маҳз дар ҳамон замон сатҳи баланди худшиносии амирони Сомонӣ, хусусан, Исмоили Сомонӣ шароит фароҳам овард, ки забони тоҷикӣ мақому мартабаи олиро соҳиб гардад. Дар он давраи таърихӣ садҳо осори манзуму мансур иншо шуда, эътибори забони тоҷикиро боло бурданд ва онро тӯли беш аз ҳазор сол забони дипломатия ва дорои нуфузи забони расмӣ намуданд. Дар тамоми АвруОсиё бо ин забон муколамаву мукотиба сурат гирифта, дар кишвару манотиқи гуногуни ин қаламрав мактабҳои бузурги илмиву адабӣ ва фарҳангӣ ба забони тоҷикӣ густариш пайдо карданд.

Дар даврони шӯравӣ забони тоҷикӣ ва истифода аз он, ҳамчунин, тадбирҳои мудирияти он дар сатҳи давлатӣ зарурати эъмор ва татбиқи сиёсати забонро ба вуҷуд овард, ки дар ҳошияи он чорабиниҳо чандин маротиба табдили расмулхат, таҳия ва амалӣ намудани чорабиниҳои фарогири омӯзиши забони тоҷикӣ вобаста ба саводнок гардондани мардум, тарҳрезӣ ва ба роҳ мондани барномаҳои илмии омӯзиши забони тоҷикӣ, филологияи тоҷик сурат гирифта, саҳифаҳои таърихи миллатро дар давраи нав ва навтарин рангин намуданд.

Вақте ки оид ба мафҳуми истиқлолият меандешем, беихтиёр сайри таърихие пеши рӯи мо меояд, ки барои дарки аҳамияти ин падидаи сиёсӣ барои миллатҳо кумак менамояд.

Зимнан, Истиқлолияти давлатӣ мардуми кишварро мутмаин сохт, ки фақат миллате, ки он барои рушду такомули илму маориф ва фарҳанг ғамхорӣ зоҳир мекунад, ба давлатдорӣ сазовор аст.

Аз ин рӯ, мо нахустин дастоварди замони Истиқлолияти давлатиро ҳамчун омили асосии ҳамбастагии миллат ва халқиятҳо эътироф шудани забони тоҷикӣ мешиносем, ки тавассути он мо забони тоҷикиро олитарин муқаддасоти миллӣ медонем.

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» санади муҳим ва саҳифаи нав дар рушди забони давлатӣ мебошад. Қонуни мазкур комилан бо Конститутсияи кишвар созгор буда, ба таъмини озодиҳои асосии инсон марбут аст, ки дастгирии на танҳо забони миллати асосии кишвар, балки рушду такомул ва амали забонҳои миллатҳои дигари сокинони кишварро кафолат медиҳад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои густариши амали забони тоҷикӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон такони ҷиддӣ бахшида, онро аз муҳити хонавода берун баровард ва ба таври воқеиву иҷтимоӣ мавриди истифодаи умум қарор дод.

Забон ҳастии миллат ва нишони давлатдории миллист ва аз ин рӯ, бояд аз он пуштибонӣ намуд ва барои покизагии он талош варзид. Чунин мавқеъро, пеш аз ҳама, Пешвои миллат содиқонаву пайгирона пеш гирифтаанд, ки мардуми кишварро дар роҳи ватандӯстиву ифтихори миллӣ илҳом мебахшад.

Мавқеи устувори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бобати сарпарастӣ аз забони давлатӣ ва роҳнамоӣ дар рушду густариши он, пеш аз ҳама, дар таълифоташон возеҳу равшан ифода ёфтаанд. Китоби «Забони миллат - ҳастии миллат» (иборат аз 2 ҷилд) таҳлили бунёдии масъалаҳои марбут ба забон, таърих ва фарҳанги тоҷик, ҳастӣ ва ҳувияти миллати тоҷик мебошад. Он сухани наву тозае дар забоншиносии тоҷик, татбиқи сиёсати забон ва рушду устувории ҳувияти миллӣ ба шумор рафта, ҷавобан ба гузориши масоили мубрами таърихи забон, ҷанбаҳои печидаи сиёсати забонӣ дар даврони истиқлолият ва барои муайян намуданиояндаи инкишофу тараққии забон ва фарҳанги миллии тоҷик бахшида шудааст.

Мустаҳкам кардани мавқеи забони давлатӣ барои татбиқи чораҳои эҳёи пайванди наслу аслҳои фарҳангӣ, дар шакли омӯзиши хатҳои таърихиро муҳайё карда, инчунин дар мавриди омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва забони русӣ захираву имкониятҳои беназирро дастрас намуд. Ин аст, ки сатҳи босаводии мардуми кишвар ҳоло на танҳо бо донистани хуби забони давлатӣ, балки бо донистани забонҳои хориҷӣ, расмулхатҳои гуногун, тавони мавриди истифодаи васеъ қарор додани ин донишҳо дар фаъолияти иҷтимоӣ ва илмӣ муайян мегардад.

Вазифаи дигари муҳими мақоми давлатиро соҳиб гардидани забони тоҷикӣ - ба таври назаррас тавсеа додани фазои амали забони адабӣ мебошад, ки имрӯз на танҳо дар муҳити адабӣ-фарҳангӣ, балки дар фазои иттилоотии байналмилалӣ хеле густариш ёфтааст. Истифодаи забони адабии тоҷикӣ нишонаи маданияти хуби гуфтор ва навиштор, нишонаи омодагии мутахассисони соҳаҳои гуногун ва маҳоратҳои сарвариву сиёсии аъзои ҷомеа мебошад. Симои зиёӣ, мутахассис, фарди ватандӯсту фарҳангӣ, маърифатпарвари кишварро имрӯз, маҳз салиқаи забондонӣ ва маҳорату санъати сухани ӯ равшан менамояд, ки куллан тоҷикони муосирро дигаргун кардааст. Далели ин гуна тағйироти куллии сифатӣ дар сиёсати забони кишвар иштироки фаъол, пур аз ифтихори ватандориву фарҳангсолории мардуми Тоҷикистон дар озмунҳои фарҳангии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм - фурӯғи маърифат» ва амсоли он мебошад, ки дар он намояндагони табақаҳои гуногуни ҷомеа ва синну соли гуногун қувваозмоӣ карданд.

Дар маҷмӯъ, метавон хулоса кард, ки забон падидаи асосии фарҳанг, механизми асосии ваҳдати миллӣ, абзори бавуҷудоварандаву ташаккулдиҳандаи миллат аст, ки онро ба мақоми сохтори иҷтимоӣ мерасонад. Инчунин, он танҳо воситаи муошират набуда, унсури бунёдии худшиносии миллӣ, маҳаки маънавиёти халқ, воситаи муҳимтарини тарбияти миллист.

# МАСЪАЛАҲОИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ ДАР ПАЁМҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ МАМЛАКАТ

**Забони давлатӣ ҳамчун рукни муҳими давлатдорӣ ва муқаддасоти миллии ҳар як давлату миллат маҳсуб меёбад. Мутобиқи қисми якуми моддаи 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ эътироф гардидааст. Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст, забони давлатиро донад ва онро эҳтиром намояд.**



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоту вохӯриҳо ва суҳбату суханрониҳо, бахусус зимни ироаи паёмҳояшон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба масъалаи забони давлатӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд ва баҳри ҳифзу гиромидошт ва поку беолоиш нигоҳ доштани он дастур дода, тадбирҳои зарурӣ меандешанд.

Чунончи, Президенти мамлакат дар Паёми нахустинашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 27-уми апрели соли 2000 перомуни таърихи густариши забони тоҷикӣ чунин ибрози ақида намуданд: «Таърих гувоҳ аст, ки халқи тоҷик аз қаъри асрҳо то имрӯз симои миллии худро, пеш аз ҳама, тавассути фарҳанг нигоҳ доштааст, забони миллии худро ҳифз кардаву густариш додааст ва дар байни халқу миллатҳои дигар соҳиби нуфузу эътибор гаштааст».

Аҳамияти забони давлатӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар ҷумҳурӣ бузург мебошад. Бинобар ин, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ 16-уми апрели соли 2005 оид ба масъалаи таҳияву пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо ба забони давлатӣ ва истифодаи дурусту якхелаи истилоҳоти ҳуқуқӣ чунин таъкид мегардад: «Масъалаи дигаре, ки ҳангоми қонунэҷодкунӣ ба мушоҳида мерасад ва ҳалли ҷиддии худро тақозо мекунад, ин таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо ба забони давлатӣ, истифодаи якхелаи истилоҳоти ҳуқуқӣ, таъмини низоми мантиқии меъёрҳои қонун мебошад, ки дар маҷмӯъ, сифати қонунҳоро муайян мекунанд».

Мусаллам аст, ки баланд бардоштани сифати қонун ба забони он низ вобастагӣ дорад, чунки бо риояи услуби расмии забони адабӣ, сода ва равону фаҳмо ифода кардани забони қонун ва бо истифода аз вожаву ибораҳои оммафаҳм тартиб додани истилоҳоти он шарҳу тафсири ҳаргунаи меъёрҳоро истисно карда, дар амал татбиқ намудани қонунро осон мегардонад.

Мавриди ёдоварист, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ба забони давлатӣ қабул гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ махсус қайд шудааст. Аз ҷумла, дар моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва моддаи 49 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» омадааст, ки матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ таҳия ва қабул карда мешаванд.

Ҳамин тавр, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (5-уми октябри соли 2009) қабул гардида, он аз 7 боб ва 28 модда иборат аст. Дар қонун вазъи ҳуқуқии забони давлатӣ муайян ва истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим ёфтааст. Қонуни номбурда мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин, шахсони ҳуқуқиро новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ вазифадор менамояд, ки барои омӯхтани забони давлатӣ ва такмили забондонии кормандон шароит фароҳам созанд. Забони давлатӣ дар ҳама соҳаи ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шуда, ҳангоми истифодаи он риояи муқаррароти қоидаҳои имлои забони адабӣ ҳатмист.

Пас аз қабул гардидани қонуни зикршуда барои татбиқи самараноки он бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми октябри соли 2009 таҳти №604 дар назди Ҳукумати мамлакат Кумитаи забон ва истилоҳот таъсис дода шуд. Кумита вазифаи пешбурди сиёсати давлат ва ба танзим даровардани меъёрҳои ҳуқуқиро марбут ба забони давлатӣ амалӣ менамояд. Инчунин, дар доираи ваколаташ оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, вазорату идораҳо ва корхонаву муассисаҳо, новобаста ба шакли моликияташон назорат мебарад ва маълумот талаб мекунад.

Гузашта аз ин, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» (таҳрири соли 1995) 21-уми июли соли 2010 таҳти №615 иловаи дахлдор ворид гардид, ки тибқи он 5-уми октябр ҳамчун «Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар гардида, ҳар сол таҷлил карда мешавад.

Қобили зикр аст, ки саҳми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баланд бардоштани мақому манзалати забони тоҷикӣ бузург аст, зеро аз ҷониби ин фарзанди фарзонаи миллат ва маорифпарвар асари мондагору арзишманд «Забони миллат - ҳастии миллат» таълиф гардид, ки дар он оид ба марҳилаҳои таърихи густариши забони тоҷикӣ тадқиқоти мукаммали илмӣ анҷом дода шудааст. Муаллиф дар ин асар ба забони шевои шоиронаи тоҷикӣ баҳои баланд дода, дар сарсухани он бо ифтихору сарафрозӣ чунин менависад: «Барои ман забони тоҷикӣ на танҳо воситаи гуфтугӯю муошират ба шумор меравад, балки болотар аз он, шиносномаи миллати азизам, рӯҳи поки гузаштагонам ва оинаи осори ниёконам мебошад. Аз ин рӯ, ман ба ин забони шевои шоирона сидқан арҷ мегузорам, бо ҳисси баланди ватандӯстӣ аз минбарҳои баланд бо ин забон сухан мегӯям, аз лаҳни шакарину дилнишинаш лаззати маънавӣ мебарам ва ҳастиамро бо ҳастии забонам пайванд диниста, ин гавҳари хушоб ва дурри ҷаҳонтобро пайваста ситоиш ва тарғиб менамоям. Ба ин хотир доир ба таърихи ташаккули забони тоҷикӣ мақолаву асарҳо таълиф менамоям, дар ҳар суханрониям бузургию тавоноии онро таъкид месозам ва барои ҳифзу ҳимояаш талош мекунам».

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-уми декабри соли 2019 низ ба масъалаи забони давлатӣ эътибори махсус дода мешавад. Зимни ироаи Паём Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз шаҳрвандони кишвар даъват ба амал оварданд: «...мо бояд забони шево ва шоиронаи тоҷикиро мисли модар ва Ватани худ дӯст дорем ва онро ҳамчун гавҳари бебаҳои ҳастиамон ҳифз кунем. Забон оинаест, ки дар он симои пурҷилои миллат равшан инъикос мешавад ва мо бояд ба қадри ин нишонаи ҳастии миллатамон расем».

Дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-уми январ ва 21-уми декабри соли 2021 оид ба омӯхтани забонҳои хориҷӣ, бахусус забонҳои русӣ ва англисӣ, диққати махсус дода мешавад ва таъкид мегардад, ки омӯзиши забонҳои хориҷӣ набояд унсурҳои нолозими бегонаро ба забони давлатӣ ворид созанд ва ҳифзу ҳимояи он бояд дар дараҷаи аввал қарор дошта бошад. Чунончи, дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-уми январи соли 2021 Роҳбари давлат роҷеъ ба масоили забони давлатӣ, рушду пешрафти он инчунин омӯзиши забонҳои хориҷӣ, сухан карда, минҷумла, зикр намуданд: «Мо бояд ба рушди забони шево ва шоиронаи тоҷикӣ низ эътибори аввалиндараҷа диҳем, чунки забони давлатӣ яке аз сарватҳои муқаддас ва гаронбаҳои мо мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, яъне таҳоҷуми фарҳангиву забонӣ моро зарур аст, ки баробари омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла русӣ ва англисӣ барои пешрафти забони тоҷикӣ ва тавсеаи доираи истифодаи он мунтазам кӯшиш ва ғамхорӣ намоем.

Хотирнишон месозам, ки ин вазифаи ҳар як фарди ватандӯст, аз ҷумла, падару модарон, омӯзгорон, аҳли маориф, илм, зиёиёни кишвар, кормандони воситаҳои ахбори омма ва адибону олимони мамлакат мебошад».

Дар шароити кунунӣ омӯзиш ва аз бар кардани забонҳои хориҷӣ, бавижа забонҳои русӣ ва англисӣ зарур буда, ба боло рафтани донишу фаҳмиш ва ҷаҳонбинии шахс мусоидат менамояд, аммо чунин ҳолати кор набояд ба забони давлатӣ таъсири манфӣ расонад. Ҳар шахс бояд, қабл аз ҳама, забони давлатиашро бо ҳама ҷузъиёташ донад ва ҳифз намояд.

Ҳоло тоҷикон берун аз кишвар дар дигар мамлакатҳои ҷаҳон кору зиндагӣ дошта, хушбахтона, урфу одат ва фарҳанги миллиро дар маҷмӯъ, ба ҷаҳониён муаррифӣ месозанд. Табиист, ки дар муҳите, ки ба забони модарӣ кам муколамаву муошират карда шавад, албатта ба соҳиби он забон таъсири манфӣ мерасонад. Бинобар ин, сафирон ва дигар ҷамъиятҳои тоҷикон дар ин ё он кишвари ҷаҳонро зарур аст, ки бо тоҷикони сокини муқими он кишварҳо ҳамкориро бештар роҳандозӣ намуда, дар байни онҳо ҳисси милливу ватандӯстӣ ва арҷгузориву дӯст доштани муқаддасоти миллӣ, алалхусус, забони тоҷикиро тарғибу ташвиқ намоянд.

Ҳамчунин, хуб мешуд, ки мақомоти дахлдор ва масъулин асарҳои илмиву бадеӣ, инчунин, китобҳои махсус барои кӯдаконро бо забони ширину шевои тоҷикӣ дар шабакаи ҷаҳонии интернет ҷойгир созанд, то ки тоҷикони бурунмарзӣ ва фарзандони онҳо дар ҳар кишвари дунё озодона аз онҳо истифода бурда, ба ин васила забони модариро ҳимоя намуда, аз забонгумкардагӣ эмин бошанд.

Хулоса, паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти сиёсиву ҳуқуқӣ ва ахлоқиву тарбиявӣ дошта, моро ба ватандӯстиву ватанпарастӣ, худшиносиву худогоҳӣ, эҳтиром гузоштан ба муқаддасоти миллӣ, ҳифзу арҷгузорӣ ва поку беолоиш нигоҳ доштани забони давлатӣ ва рушди он ҳидоят менамоянд.

**Фирӯз САЙНОЗИМЗОДА, мушовири калони Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон**

# САЙЁҲӢ ВАСИЛАИ ДӮСТИЮ ҲАМКОРӢ МИЁНИ КИШВАРҲОСТ

**Бо ташаббус ва дастгирии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе 27 сентябри соли 2022 бахшида ба «Рӯзи ҷаҳонии сайёҳӣ» дар Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» Конференсияи илмиву амалӣ дар мавзӯи «Душанбе - шаҳри имкониятҳои рушди сайёҳии устувор» баргузор гардид. Дар он намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндаҳои корпуси дипломатӣ, созмонҳои байналмилалии муқими шаҳри Душанбе, роҳбарияти вазорату кумитаҳо, раёсату идораҳо, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, роҳбарони ширкатҳои сайёҳӣ ва доираи васеи хабарнигорон ширкат варзиданд.**

Конференсияро бо сухани муқаддимавӣ муовини Раиси шаҳри Душанбе Дилбар Одилзода ҳусни оғоз бахшида, бо ифтихор иброз намуд, ки Тоҷикистон кишвари амну осоишта ва ҷолиби диққати дӯстдорони сайру саёҳат буда, бо манзараҳои беназиру дилфиребаш дар ҷаҳон машҳур аст. Ин соҳаи калидӣ ҳамчун муаррифгари фарҳангҳо дар байни кишварҳои дунё мавқеъ пайдо кардааст. Шаҳри Душанбе - пойтахти Тоҷикистон ҳамчун маркази тамаддуни илму фарҳанг ва фарҳанги баланди меҳмоннавозӣ ва хизматрасонӣ ба даҳгонаи мавзеъҳои бехатар шомил ва барои саёҳат амну бехатар диниста шудааст.

Ҳамчунин, муовини якуми Раиси шаҳри Душанбе Ҷамшед Табарзода, раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷиддин Ҷӯразода дар бораи симои сайёҳӣ касб намудани шаҳри Душанбе суханронӣ карданд. Онҳо саҳми Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалиро барои ба шаҳри сайёҳӣ табдил додани пойтахти Ватанамон баланд арзёбӣ карданд.

- Баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ дар соҳаи сайёҳӣ, рушди ҳунарҳои мардумӣ, муаррифии таъриху фарҳанг ва имкониятҳои ғании шаҳри Душанбе ба рушди ҷанбаҳои гуногуни сайёҳӣ дар пойтахт ва ҷалби сайёҳон мусоидат мекунад, - иброз дошт Ҷамшед Табарзода.

Дар қисмати дуюми кори конференсия Фарҳод Раҳимӣ президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мавзӯи «Душанбе - шаҳри бо рушди устувор ва имконоти бузурги сайёҳӣ», Аҳмадҷон Шерализода муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Рушди уствори сайёҳӣ дар шаҳри Душанбе», Зафаршо Иброҳимзода директори Муассисаи давлатии «Осорхонаи миллии Тоҷикистон» дар мавзӯи «Осорхонаи миллӣ ҳамчун объекти сайёҳӣ», Махфират Хидирзода доктори илмҳои сиёсӣ дар мавзӯи «Омилҳои таъсиррасон ба рушди сайёҳии устувор дар шаҳри Душанбе», Маликшо Неъматзода раиси Федератсияи Иттифоқҳои касабаи мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Рушди сайёҳии дохилӣ – омили рушди инфрасохтори соҳа» дар бораи дастовардҳои шаҳри Душанбе дар соҳаи сайёҳӣ ҳамчун василаи муҳими ҷалби сармоягузорӣ, соҳаи ба шуғл фарогирандаи аҳолӣ ва муаррифгари таърих ва мероси бойи фарҳангӣ баромад карданд.

Дар доираи ҳамоиш маросими тақдими ҷоизаҳо ба ғолибони озмунҳои «Беҳтарин ролики сайёҳии шаҳри Душанбе» ва «Беҳтарин акси шаҳри Душанбе», ки аз тарафи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе эълон гардидааст, баргузор шуд.

Ёдовар мешавам, ки аз 27 сентябри соли 1979 дар дунё «Рӯзи ҷаҳонии сайёҳӣ» ҷашн гирифта мешавад. Ҳадаф аз он, инъикоси бахши сайёҳӣ ҳамчун робитаи дӯстиву ҳамкорӣ миёни мардумони олам аст.

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА, «Садои мардум»**

# ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ - ҚАРЗИ ШАҲРВАНДӢ

**«...Умри миллат ва таърихи давлатдории мо ҳазорсолаҳост. Мардуми мо ҳанӯз аз бомдоди таърих мардуми соҳибватан ва давлатсоз буда, ниёкони арҷманди мо дар саргаҳи давлатдорӣ қарор доштанд ва намунаҳои нахустини ҷомеаҳои мутамарказ ва давлатҳои муқтадири таърихиро ба башарият ато карданд, аммо дар натиҷаи тохтутозҳои пайдарҳами аҷнабиён ва пирӯзии дарозмуддати тирагӣ ба равшанӣ мардуми тоҷик як муддати тӯлонӣ аз идоракунии мустақилонаи давлатдории худ маҳрум монд».**



**ШАМСУДДИНЗОДА Садриддин Зайниддин, вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Шоҳмансур**

Ин сатрҳои воқеӣ ва таърихиро аз китоби «Уфуқҳои истиқлол»-и Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқтибос овардем. Дар асари мазкур Сарвари давлат таъкид намудаанд, ки 9 сентябри соли 1991 давлатдории тоҷикон аз нав эҳё гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол арзи вуҷуд намуд ва дар харитаи сиёсии ҷаҳони муосир номи кишвари азизи мо бо ҳарфҳои заррин сабт ёфт.

Таҷрибаи давлатдории халқҳои олам собит менамояд, ки ҳастии ҳар давлату ҷомеа ва рушди озодонаи ҳар як фарди он, маҳз ба ҳисси миллии ватандӯстӣ кафолати муҳимтарини бақои миллату давлат вобастагии мустақим дорад. Мо бояд фаромӯш насозем, ки мардуми Тоҷикистон масъулияти ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таҳкими пояҳои давлатдорӣ, таъмини амнияту суботи кишвар ва ободиву пешрафти мамлакатро ба зиммаи мову шумо вогузор намудааст. Ҳарчанд, худшиносии миллӣ аз гузаштагонамон ба мо мерос монда бошад ҳам, баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи нави худшиносии миллӣ оғоз гардид. Дар ин давра дар Тоҷикистон вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дигар гардида, арзишҳои моддиву маънавӣ ҳам иваз шуданд, чунон ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд мекунанд: «Ҷавҳари худшиносии миллӣ аз дӯст доштани Ватан, модар, забон, таърих ва арзишҳои таърихиву фарҳангӣ сарчашма гирифта, ба ташаккули шахсиятҳои дорои ҷаҳонбинии солиму пешрафта боис мегардад».

Худшиносӣ василаи асосии ба маънавият расидани инсону ҷомеа мебошад. Агар мактаби миллӣ заиф бошад, миллат пароканда ва нопадид мегардад. Бинобар ин, бояд баҳри мустаҳкам гардонидани мактаби миллӣ, ки ҷузъҳои асосии он ватанпарастӣ, хештаншиносӣ ва худшиносӣ мебошанд, чораҳои зарурӣ андешид. Дар ҳақиқат, ҳар як инсони боимону оқил бояд ифтихор намояд, ки дар тӯли солҳои Истиқлолияти давлатӣ бо сарварии Пешвои миллат чӣ қадар дигаргуниҳои куллӣ дар бобати ба эътидол овардани вазъи сиёсию иқтисодии мамлакат, дарёфт намудани роҳи рушди босуботи иқтисодию иҷтимоии кишвар ва дар ин асос баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ба амал омадааст.

Ҳарчанд, ки роҳи тайнамудаи Тоҷикистон дар ҷодаи ваҳдату якпорчагӣ ҳамвору яксон набуд, вале мардуми шарафманди мо ба хотири таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ, ҳифзи марзу буми аҷдодӣ, сарҷамъии миллат, густариши фазои сулҳу оромӣ ва тақвияти худшиносии миллӣ саъю талош намуданд.

Ҳар як фарди бонангу номус ва худогоҳи ҷомеа бояд ҳамеша дар хотир дошта бошад, ки танҳо истиқлолияту озодӣ омили муҳимтарини пойдории давлат ва бақои миллат мебошад ва вазифаи ҳамаи мост, ки ба хотири ҳифзу тақвияти ин муқаддасоти миллӣ пайгирона кӯшиш намоем. Бо мақсади таҳкими боз ҳам бештари ин дастовард зарур аст, ки мафҳумҳои истиқлолияту озодӣ ва ваҳдати миллӣ ба ғояи ҳамешагии созанда ва муттаҳидкунандаи ҷомеаи Тоҷикистони демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ табдил дода шаванд. Зеро ин мафҳумҳо дар қалбу шуури шаҳрвандони кишвар ҳисси эҳтиром ба Тоҷикистони азиз ва муқаддасоти Ватанро устувор намудану ба онҳо эътимод бахшиданд, ки миллати куҳанбунёди тоҷик метавонад танҳо бо ҳамин ғояҳои наҷотбахш корҳои бузурги ободкориву созандагиро ба анҷом расонад ва барои наслҳои оянда як кишвари ободу зеборо ба мерос гузорад. Марҳилаи на чандон тӯлонии таърих собит сохт, ки тоҷикон дар ҳақиқат миллати соҳибмаърифату тамаддунсоз, ватандӯсту ватанпарвар ва сулҳпарвару таҳаммулпазир буда, метавонанд бо ваҳдату сарҷамъиашон ҷомеаи пешрафтаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро бунёд намоянд.

Шукрона аз он бояд кард, ки ҳоло давлати моро дар арсаи ҷаҳонӣ бо фарҳангу тамаддуни бояш эътироф намуда, миллати тоҷикро ҳамчун миллати куҳанбунёду соҳибтамаддун мешиносанд. Яке аз рукнҳои худшиносии миллӣ донистани таърих, фарҳанг, забон, расму оин ва дарк намудани вазъи имрӯзаи миллат мебошад.

Зимнан, Тоҷикистон дар тӯли таърих ба дастовардҳои моддию маънавӣ ва дар ҷаҳони муосир бо дарёфти мақому манзалати ифтихорӣ ноил гардидааст. Ифтихор аз таърихи миллат ҳамон вақт пайдо мешавад, ки аз он огоҳ бошӣ, онро мояи омӯзиш, ибрат ва шукӯҳмандӣ бидонӣ, зеро надонистани таърихи фарҳангу тамаддун, забону адаб, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ дар пешгаҳи қавми ноогоҳ ҳукми мурдаро дорад.

Ба ҳамин хотир ҳар як шаҳрванди кишвар бояд ҳисси миллӣ дошта, аз зинаҳои ташаккулёбӣ ва нақши он дар ҷомеаи имрӯза огаҳ бошад, зеро дар раванди ҷаҳонгароӣ, маҳз ҳамин бедории миллӣ ва зиракии сиёсӣ яке аз самтҳои асосии тарбия намудани насли ҷавони мамлакат дар рӯҳияи хештаншиносиву ватандӯстӣ маҳсуб меёбад. Биноан, ҳар яки мо бояд худшиносии миллӣ ва ватанпарастиро шиори доимӣ қарор дода, баҳри ободию устувории давлати соҳибистиқлоламон саҳми арзанда гузорем.




# САФЕДШАҲРАК СОҲИБИ МАКТАБИ ЗАМОНАВӢ ШУД



**Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №18 - и Ҷамоати деҳоти ба номи Лоҳутӣ деҳаи Сафедшаҳраки ноҳияи Ховалинг аз ду ошёна иборат буда, соли ҷорӣ аз ҷониби Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта, мавриди истифода қарор дода шуд. Тавре мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Ховалинг Муҳаммадназар Амирсаидов иттилоъ дод, қаблан бо сабаби нарасидани ҷои нишаст ва набудани кабинетҳои фаннӣ гузаштани дарсҳои таълимӣ барои омӯзгорон мушкил буд.**

Бинои муассисаи таълимӣ аз ду ошёна иборат буда, барои 320 хонанда дар як баст сохта шудааст ва дорои 17 синфхонаи таълимӣ, аз ҷумла кабинетҳои фаннӣ, синфхонаи компютерӣ, китобхона, ошхона барои 160 ҷой, толори варзишӣ, майдончаи варзишӣ ва толори маҷлисгоҳ барои 260 ҷои нишаст мебошад.

Директори муассисаи таълимӣ Шарифхон Ҳакимов аз дастгириҳои Ҳукумати мамлакат, хоса Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои чунин муассисаи таълимии наву замонавӣ изҳори сипос карда, афзуд, ки дар муассиса, инчунин, синфхонаҳои дӯзандагӣ барои духтарон ва синфхонаи технологияи таълими меҳнат барои писарону духтарон фаъолият мекунад, ки бо шароити замонавӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

Синфхонаҳо ва утоқҳои омӯзгорон бо мизу курсиҳои замонавӣ ва дигар лавозимоту таҷҳизоти хониш таъмин шуданд. Бо мақсади рушди соҳаи маориф ва беҳтар гардидани сифати таълиму тарбия соли 2022 аз ҷониби Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ, инчунин дар деҳаи Буғдояки ноҳияи Ховалинг филиали муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №16 барои 120 хонанда ва 42 синфхонаи иловагӣ бо ҳуҷраҳои фаннӣ сохта, мавриди истифода қарор дода шуданд. Ҳамчунин, бо дастгирии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ховалинг ва шуъбаи маорифи ноҳия дар назди 38 муассисаи таълимӣ маркази инкишофи кӯдак бо фарогирии 628 нафар фаъолият мекунанд.

- Ҳоло дар ноҳияи Ховалинг 50 муассисаи таълимӣ бо фарогирии 12 ҳазору 276 нафар хонанда амал мекунанд, ки ба онҳо 938 нафар омӯзгори соҳибтахассус таълиму тарбия медиҳанд, - гуфт Муҳаммадназар Амирсаидов.

**И. РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

Аз ҳаёти одамони сарбаланд

**Ҳамроҳи доктори илмҳои фалсафа, Давлатхоҷа Назиров ба аёдати ходими давлатию ҷамъиятӣ, дипломат, сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Федералии Олмон (солҳои 1994-2001), Корманди шоистаи Тоҷикистон, собиқ Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Акбар Мирзоев рафтем.**



Бо ин марди бузургу фидоӣ боре ҳам аз наздик дидор надоштам. Соли 2001 дар китобе, ки бо номи «Ховалинг» (бо ҳаммуаллиф) ба муносибати 70 - солагии ноҳияи Ховалинг омода кардем, дар он зери сарлавҳаи «Акбар Мирзоев - собиқ Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон» мақолае ҷой дода шуд. Агарчӣ дар ҳуҷҷатҳо ҷои

# БУЗУРГМАРДИ НЕКСИРИШТ

таваллудаш шаҳри Норак навишта шуда буд, медонистам, ки номбурда кай ва дар куҷо ба дунё омадааст. Аз ин рӯ, дар он мақола ҷои таваллуди ин марди шарифро деҳаи Хоҷахалили ноҳияи Ховалинг навиштам.

Хонаи ӯ дар канори чойхонаи «Роҳат» - и шаҳри Душанбе воқеъ аст. Моро табассум дар лаб пешвоз гирифт. Баъди аҳволпурсӣ аз гузаштаҳо суҳбат кардем. Акбар Мирзоев пора-пора хотироти кӯдакиашро ба ёд овард.

- Падарам Мирзо Насруллоев, зода ва сокини деҳаи Хоҷахалили ноҳияи Ховалинг, иштирокчӣ ва маъюби Ҷанги Бузурги Ватанӣ буд, - ҳикоят кард ӯ. - Ӯро баъд аз ҷанг ду соли дигар дар баталони коргарӣ ба кор сафарбар намуда, соли 1947 аз хизмати ҳарбӣ ҷавоб доданд ва ба хона маъюбу беҳолу бемадор баргашт. Мо - кӯдакони даврони ҷанг бисёр хориву зорӣ, азобу уқубат ва хунукиву гуруснагиро аз сар гузаронидаем.

Дар ёдам ҳаст, ки рӯзе раиси ҳамонвақтаи колхоз ба деҳа омада, доду фиғон бардошта, мардумро бо суханони қабеҳ ба корҳои саҳроӣ равон мекард. Бо ҳамон шӯру мағал ва суханони дурушт ба хонаи мо низ омад ва супориш дод, ки падарам зуд ба саҳро барояд. Ҳарчанд падарам мефаҳмонд, ки маъюб асту беҳол, раис эътино накарда, дӯғу пӯписа ва суханони қабеҳашро ҳамоно идома медод. Муносибати бад аз ҳад гузашт ва падарам ба ҷабру гуфтаҳои дағалонаи раис тоқат накарда, маҷбур шуд, ки ӯро «изову алам» - и зарурӣ диҳад. Бинобар ин, белро, ки дар як гӯшаи ҳавлӣ меистод, гирифта, ба пушти раиси золим сахт зад ва ӯ аз болои зини асп ба замин афтиду аспаш гурехта рафт. Ҳамин ҳодиса сабаб шуд, ки падарам ба шаҳри Кӯлоб пиёда рафта, барои аҳли оила сарпаноҳ ёбад. Дар маҳаллаи Кӯҳнашаҳр, ки Лаби ҷар низ мегуфтанд, кулбае дар ҳамсоягии яке аз занҳои маъруфу машҳури замон Гавҳарбӣ Шарифова гирифт ва дар он ҷо муддате зиндагӣ кардем. Сипас, аз рӯи зарурат ва бемории падарам чанд моҳ пас зиндагиро дар ин шаҳр тарк карда, ба деҳаи Хоҷахалили Ховалинг баргаштем.

Дар Хоҷахалил ҳоламон зор буд. Падари паҳлавони маҷруҳамро доғҳои ҷанг, ҷойҳои тиру пораҳои оҳан озор медод, мудом дар бистари беморӣ буд. Ёд дорам, зимистони соли 1948 барфи бениҳоят баланд борид. Дар болои бинои «харпуштак»-амон ба назарам як метр зиёд барф буд. Бинобар ин, падарам ба акаам Сайидакрам фармуд, ки барфи болои бомро рӯбад, то ки боми хона ба сарамон наафтад, аммо бародари якрави ман супориши ӯро иҷро накард.

Мани хурдсол маҷбур шудам, ки бо мадади модарам ба пойҳоям латта печонида, барфи болои бомро бо бел тоза кунам. Ҷӯраҳоям ба мададам омаданд, якҷоя супориши падарамро иҷро кардем.

Падарам ҳамон сол, яъне соли 1948, аз зарби дарди ҷонкоҳи тиру оҳани аз ҷанг «мерос»-гирифтааш аз дунё даргузашт ва дар гӯристони деҳаамон ба хок супорида шуд. Ҳоло афсӯс меҳӯрам, ки аз падари паҳлавону ҷасурам ҳатто расме ба ёдгор намондааст, вале шодам, ки аз модарам расме дар бойгониам дорам.

Акбар Мирзоев бо ҳарорат нақл мекарду ман хиҷолат мекашидам, зеро як умр дар ҷустуҷӯи иштирокчиёну шаҳидони Ҷанги Бузурги Ватанӣ будаму ҳоло мефаҳмам, ки ҳанӯз ҳам ҳифзу ҳимоятгарони Ватан дар вартаи фаромӯшиву гумноманд. Тобистони соли 1988 дар доираи садсолагии Шӯриши Восеъ бо ҳамроҳии Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Ҳайдар Қосимов, пайкорнавис Раҳмон Сафаров, суратгири собиқи фотохроникаи «ТАСС» Сергей Жуков дар маҷмӯъ даҳ нафар шахсони касбу корашон гуногун, дар бисёр шаҳру деҳот, вилоятҳо ва ҷумҳуриҳои фарогири Ҷанги Бузурги Ватанӣ, бахусус Федератсияи Россия, Украина ва ҷумҳуриҳои назди Балтика оромгоҳҳои шаҳидонро гаштаву зиёрат намуда, ҷустуҷӯро аз 26 июн то 26 июл идома дода, китоберо бо номи «Пайванди дилҳо» (2008) ба табъ расонидам. Инчунин, китобҳои «Шарафманд» (2015), «Каримқаҳрамон» (2015), «Каримқаҳрамон-Сайидаҳмад Каримов» (китобномаи шарҳиҳолӣ, 2018) ва соли 2021 китоби «Садоқатмандон»-ро бо дастгирии раиси вилояти Хатлон Қурбон Ҳакимзода иборат аз 400 саҳифа бо расмҳо тавассути нашрияи «Балоғат» (дар бораи иштирокчиёну шаҳидони ҶБВ) аз чоп бароварда, дастраси хонандагон гардонидаам, вале дар ягон китобам дар бораи ному насаб ва роҳи ҷангии Мирзо Насруллоев маълумот надодаам.

Бар асари муҳоҷиркуниҳои пай дар пай ва соли 1958 барҳамхӯрии ноҳияи Ховалинг чун Мирзо Насруллоеви падари Акбар Мирзоев чандин иштирокчиёну шаҳидони ҶБВ берун аз қайду дар вартаи фаромӯшӣ қарор гирифтаанд. Мутаассифона, Акбар Мирзоев низ дар хурдсолӣ аз падар ятим монда, дар бораи роҳи тайкардаи ҷангӣ ва зиндагии ӯ маълумоти кофӣ надорад...

Суҳбат ҳамоно идома дошт. Кунҷковона аз ҷои таваллудаш пурсон шудам.

- Вақте ки падарам аз дунё гузашт, ман дар синфи якум дар мактаби деҳаи Хоҷахалил мехондам. Мутасаддиҳои ҳукумати вақт бо супориши роҳбарони болоӣ ба хонаи мо - оилаи иштирокчии ҷанг омада, модару додарамро дар хона монданду барои сабукшавии оила ману акаам Сайидакрамро ба Хонаи кӯдакони ноҳияи Ховалинг бурданд. Хонаи кӯдакону мактаб дар як ҷо буд. Дар ҳамон солҳо Ҳасанов ном одам мудири хонаи кӯдакон ва Исмоил Қосимов директори мактаби Ховалинг шуда кор мекарданд. Мо дар Хонаи кӯдакони Ховалинг якчанд сол таълиму тарбия гирифтем. Баъди ҷанг барои барқароркуниҳо коргар лозим буд, бачаҳои калонсолу дидадароро барои таҳсилу касбомӯзӣ ба омӯзишгоҳҳои коргарӣ фиристоданд ва тарбиягирандаҳо дар хонаи кӯдакон кам монданд. Бинобар ин, Хонаи кӯдакони Ховалингро барҳам дода, як қисми кӯдаконро ба Хонаи кӯдакони Балҷувон ва қисми дигарро ба Хонаи кӯдакони Тебалайи шаҳри Кӯлоб бурданд. Ману акаам Сайидакрам дар Тебалай мондем. Ин хонаи кӯдакон низ барҳам хӯрду моро ба Хонаи кӯдакони шаҳри Норак фиристоданд.

Дар Хонаи кӯдакони Норак барои мо ҳуҷҷати расмӣ тайёр карданд. Ман Сайидакбар ном доштаму акаам Сайидакрам. Номи маро Акбар ва номи акаамро Акрам монда, дар ҳуҷҷатҳои ман Мирзоев Акбар ва дар ҳуҷҷатҳои акаам Мирзоев Акрам сабт намуданд. Соли таваллуди ман аслан 1941 буд, аммо соли таваллуди ману акаамро дар ҳуҷҷатҳо 1939 ва ҷои таваллудамонро шаҳри Норак сабт намуданд, ки ин беэътиноӣ буд. Дар асл ҷои таваллуди мо деҳаи Хоҷахалили ноҳияи Ховалинг аст. Мо то синфи 7-ум дар шаҳри Норак таҳсил кардем. Дар ҳақиқат роҳи тақдири бисёр кӯдакони замони ҷанги хонумонсӯз ҳамин тавр ҷараён гирифтааст, - мегӯяд А. Мирзоев.

Тайи ин солҳо Акбар Мирзоев илм омӯхт, меҳнат кард, маълумоти олӣ гирифта, то ба мақоми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон расид. Ба халқу миллат ва давлати тоҷикон хизматҳои арзишманд намуд.

Ӯ дар тӯли фаъолияташ дар сохтори Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии об ҳама зинаи кориро гузашта, аз вазифаи усто то муовини якуми сардори «Главтаджикводстрой»-и Вазорати хоҷагии оби ИҶШС фаъолият дошт.

Акбар Мирзоев барои хизматҳои намоён дар рушди соҳаи мелиоратсия, сохтмони иншооти таъиноти истеҳсолӣ-шаҳрвандӣ, меҳнати босуботи бисёрсола ва арзишманд дар корҳои хоҷагидорӣ, давлатӣ ва дипломатӣ ду маротиба бо Ифтихорномаи Раёсати (Президиуми) Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, орденҳои «Нишони фахрӣ» ва «Байрақи сурхи меҳнат», медали ҷашнии «Меҳнати шоён» бахшида ба ҷашни 100 - солагии В. И. Ленин, медали Жуков, Ордени Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва бисёр мукофотҳои дигар қадрдонӣ шудааст.

Умуман, ҳаёту фаъолияти ин марди бузург пурпечутоб, ибратбахш ва рангин аст.

**Амир Сайиди МУНКӢ,**
**журналист, адиб,**
**барандаи Ҷоизаи**
**ба номи Носири Хусрав**

# ТАШАККУЛИ МАДАНИЯТИ ЭКОЛОГӢ

**Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои ташаккули тафаккури техникии насли наврас солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон гардид.**

Ин дастури дурандешонаи Пешвои миллат аҳли ҷомеаро водор месозад, ки баҳри амалӣ гардидани он ҷаҳду талош намоянд. Яке аз омилҳои асосии татбиқи иқдоми зикршуда ташаккули маданияти экологии ҷомеа бо мақсади ҳифзи табиат ба ҳисоб меравад.

Инсон бо табиат зинда аст, зеро он манбаи ҳаёт, сарчашмаи асосии қонеъ гардондани талаботи моддию маънавии ӯ ба ҳисоб меравад. Инсоният дар марҳилаҳои гуногуни фаъолият бо табиат муносибатҳои гуногун барқарор менамояд, ки ҳамчун мавҷуди биологию иҷтимоӣ умр ба сар барад. Баъзан, ин муносибат ва алоқамандиҳо ба тағйироте боис мегарданд, ки ҳаёти инсонро дар хатар мегузоранд. Аз ин рӯ, одамон дар тӯли таърих кӯшиш намудаанд, ки асрори табиат, сабабҳои ба амал омадани ҳодисаҳои табиӣ ва моҳияти онҳоро дарк намоянд.

Дар остонаи ҳазорсолаи сеюм ҷомеаи инсонӣ ба як қатор мушкилоте дучор омадааст, ки яке аз онҳо ба муносибати байни инсону табиат вобастагии зич дошта, масоили экологӣ ном гирифтааст.

Инсоният ҳоло беш аз пеш дарк менамояд, ки вазъи саломатии ӯ ба вазъи муҳити зист, тағйирёбии иқлим бевосита алоқаманд аст. Тақдири ояндаи мавҷудияти инсоният ба ҳифзи муҳити зист вобаста аст. Дар ҳаллу фасли ин масъалаҳо чораву тадбирҳои гуногун андешида мешавад, ки яке аз онҳо ташаккули шуури экологӣ ва дар заминаи он ба вуҷуд овардани маданияти экологӣ мебошад. Мусаллам аст, ки ҳар шакли таърихии тарзи истеҳсолот вобаста ба тараққиёти моддию иҷтимоӣ, тағйирёбии муҳити атроф, маҳорати аз ҷониби одамон дигаргун сохтани табиат рафтори муносиберо нисбат ба табиат ташаккул медиҳад. Раванди таърихии азхудкунии табиат, ташаккулёбии маданияти экологиро ба се давраи асосӣ ҷудо намудан ба мақсад мувофиқ аст.

Якум, давраи антиқӣ - тафаккури асотирӣ ва маданияти антиқӣ, ки инсон худро ҳанӯз аз табиат ҷудо накарда буд;

Дуюм, давраи асрҳои миёна - тафаккури динӣ ба офаридагор алоқаманд будани ҳама гуна зуҳуроти дар табиат рухдиҳанда асоси шуури экологии инсонро ташкил менамуд;

Сеюм, давраи замони нав - тафаккури илмӣ - назариявӣ ва маданияти нав хоси он мебошад.

Дар замони антиқӣ аввалин ақидаҳо доир ба алоқамандии инсон бо табиат ба вуҷуд омадаанд. Ин ақидаҳо дар асотири Юнони қадим, Чини қадим ва Эрони бостонӣ таҷассум гардида, дар давоми ҳазорсолаҳо ба ташаккулёбии маданият таъсир расонидаанд. Шакли аввалини он анимизм (аз калимаи лотинӣ - anima - рӯҳ, тафаккур) мебошад, ки тамоми табиатро ҷондор, дорои рӯҳ, тафаккур меҳисобад.

Дар китоби муқаддаси «Авесто», ки ҳамчун мероси муштараки фарҳангии ҷаҳониён, навиштаҷоти муқаддаси эронитабор мебошад, баробари тарғиби «пиндори нек», «гуфтори нек» ва «рафтори нек», ҳифзу муносибати некро бо табиати атроф мушоҳида менамоем.

Дар асрҳои миёна бошад, тафаккури динӣ ҳукмрон буда, принсипи «парастиши табиат» ҳукмфармоӣ менамуд. Рӯҳониён чунин ақида доранд, ки дар давраи ҳукмронии ҷаҳонбинии динӣ, ҷамъият бо масъалаҳои экологӣ дучор наомада буд, зеро муносибати инсон ба табиат аз рӯи меъёрҳои рафтори динӣ назорат карда мешуд.

Давраи сеюм, аз асри XVIII, аз давраи инқилобҳои саноатӣ оғоз гардида, то замони ҳозира идома дорад. Дар ин давра принсипи «фатҳ намудани табиат», ҳар чӣ бештар ба манфиати инсон истифода бурдани он ба амал омада, зиддияти байни ҷамъият ва табиат торафт тезутунд мегардад ва робитаи байни ҷамъият ва табиат шакли умумибашариро қабул менамояд. Бо ифодаи В. И. Вернадский, инсоният ба «қувваи бузурги геологӣ» табдил меёбад. Ҳоло дар назди инсоният ҳифзи муҳити зист ва тамаддун аз таҳдидҳои фалокатовари экологӣ вазифаи муҳимтарин мебошад. Маҳз, ҳамин омилҳо зарурати ташаккулёбии шуури экологиро тақозо менамоянд.

Шуури экологӣ вобаста ба хислат ва аҳамиятнокиаш дар ташаккули маданияти экологӣ яке аз унсури муайянкунанда ба ҳисоб рафта, маҷмӯи ақида, эътиқод ва донишҳоест, ки хислати томи фаъолияти низоми «ҷамъият» ва «табиат» - ро инъикос менамояд.

Шуури экологӣ шакли махсуси шуури ҷамъиятӣ буда, аз рӯи мазмун ва мақсад барои кор карда баромадани стратегияи муштараки пешгирии хавфи экологии биоиҷтимоӣ равона шудааст. Асоси шуури экологиро назарияе ташкил медиҳад, ки тибқи он зарурати пешрафти илму техника эътироф гардида, дар баробари он муҳити мавҷудаи зист аз оқибатҳои зараровари манфӣ солим нигоҳ дошта шавад.

Ақидаҳои экологӣ андеша, идея ва тасаввурот оид ба муносибати байни инсон ва табиат мебошанд, ки дар онҳо раванди таъсири мутақобилаи инсон бо атмосфера, гидросфера, литосфера, олами набототу ҳайвонот таҷассум меёбанд.

Донишҳои экологӣ ҳамчун падидаи махсуси шуури экологӣ баромад намуда, занҷири сарбастаи зуҳуроти антропогениро ифода менамоянд, ки дар асоси онҳо барномаҳои мушаххаси ҳифзи табиат тарҳрезӣ мегарданд.

Мафҳуми маърифати экологӣ аз ҳифзи табиат, истифодаи дурусти сарватҳои гаронбаҳои он, аз нав бавуҷудорию кабудизоркунии мавзею маҳалҳои кишвар, азхудкунию омӯхтани қонунҳои табиат, аз овони кӯдакӣ ташаккулёбии рафтору муносибатҳои ғамхорона ба он бармеоянд.



Қайд кардан лозим аст, ки тайи солҳои соҳибистиқлолӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри баланд бардоштани маърифату фарҳанги экологии шаҳрвандон ва ҳалли масъалаҳои экологӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, зиёда аз 40 қонун ва барномаи давлатиро дар бораи экология ва сарватҳои табиӣ қабул ва таҳия кардааст.

Мутобиқи «Барномаи давлатии маърифат ва тарбияи экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2000 то соли 2010» дар муассисаи таҳсилоти умумӣ, миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ омӯзиши асосҳои экология ва ҳифзи табиат ба роҳ монда шудааст.

Боиси ифтихор аст, ки сиёсати хирадмандона, ташаббусҳои судманд ва дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбари бонуфузи Созмони Милали Муттаҳид оид ба «Соли байналхалқии оби тоза» эълон намудани соли 2003, солҳои 2005-2015 Даҳсолаи амалиёт «Об - барои ҳаёт», соли 2013 соли дипломатияи об» ва Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор» солҳои 2018-2028 аз ҷониби зиёда аз 180 давлати ҷаҳон дастгирӣ ёфтанд ва конфронсҳои байналмилалӣ дар шаҳри Душанбе гузаронида шуданд. Ҳамаи ин тадбирҳо дар ташаккули шуури экологӣ ва маданияти экологии ҷомеа саҳми арзанда мегузоранд.

Дар шароити ҳозира, ки ҷомеаи мо ба давраи дигаргунии қатъии таърихӣ - давраи таҳаввулоти демократӣ қадам ниҳод, тарбияи экологии шахсият, ташаккули инсони дорои тафаккури экологӣ аҳамияти бағоят муҳим пайдо менамояд.

Иштироки бевоситаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маъракаҳои ниҳолшинонӣ ва ба корҳои ободонию созандагӣ, сабзу хуррамгардонии кӯчаю маҳал, хиёбон, манзилҳои зист, беҳдошти муҳити атроф, бунёди боғҳои дарахтони мевадиҳандаю сояафкан ҳидоят намудани аҳолӣ ва инчунин муроҷиати Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҷиҳати ба «Шаҳри сабз» табдил додани пойтахти мамлакат намунаи олии таҷассуми фарҳанги экологӣ ба ҳисоб меравад.

Ташаккулёбии шуури экологӣ ва дар заминаи он бунёди маданияти экологӣ ҳамчун меъёри ҳаёти ҷамъиятии мутамаддин дар заминаи оила, боғча, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёнаи касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, коллективҳои меҳнатӣ, воситаҳои ахбори омма, иттиҳодияҳои эҷодӣ, муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ ва умури давлатӣ амалӣ мегарданд.

Дарк бояд кард, ки дар табиати носолим солим зистан номумкин аст. Баҳри қонеъ намудани манфиатҳои шубҳаноки инсонӣ набояд ҳайвоноту набототро нобуд созем.

**Маҳмадулло ШАРИПОВ,**
**дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

# ИНТИҚОМ

## ҚИССАИ ВОҚЕӢ

**- Падарҷон, ба саршавии мактаб як ҳафта монд. Ману хоҳару додаронам сарулибоси мактабӣ нахаридем, - бо нозу эркагӣ худро ба пойҳои Салим ҷафс кард писараш.**

Кӯдакони бечора чандон ҳоли хуб надоштанд. Ҳарчанд дар шароити вазнин ба воя мерасиданд, бо ҳар хушку тари ёфта хурсанд буданд. Барояшон басанда буд, ки болои сарашон бом ва падару модар доранд.

Салим бо панҷ фарзанди хурдсол ва ҳамсараш дар ҳавлии падар мезистанд. Синни падару модараш ба ҷое расида, мӯйсафед бемори қанд ва бознишаста буду модари бечорааш дар мактаб фаррошӣ мекард. Бар замми ин, оқибати ҷанги бемаънии дохилӣ мардумро дар ҳолати ногувор монда буд. Хуллас, бо нафақаю дастмузди ночизе зиндагӣ мекарданд.

Салим дар ягон идора кор намекард, зеро пайдо кардани кори муносиб он шабу рӯз номумкин гашта буд. Ягона ҳунараш шикори кабк дар кӯҳ буд. Ҳафтаҳоро бо дӯстони улфатиаш дар оғӯши Сияҳкӯҳ мегузаронд, ки аз фикри рӯзгор дида, бештар ба вақтгузаронию дилхушӣ шабоҳат дошт. Кабкҳои пирро барои гӯшт мефурӯхт ё барои хӯрдани аҳли байт меовард, чӯҷаҳои кабкро парвариш карда, дар кабкҷанг барои ба даст овардани маблағ истифода мебурд ё мефурӯхт. Даромад ва кори ӯ аз ҳамин иборат буд. Мардум ин қабил мардонро, ки бе кӯҳу пушта худро тасаввур карда наметавонистанд, «ишратӣ» ном мебурданд. Зуд – зуд онҳоро хумори шикор ва ҳавои кӯҳ мегирифт. Қариб ки аз одамон дур мезистанд. Ба шароити сангини кӯҳ одат карда, аз ин ҳаловат ҳам мебурданд.

- Ҳеҷ гап не. Ҳоло як ҳафта ҳаст - ку? Пагоҳ ба шикор рафта, ҳатман чизе ба даст оварда мефурӯшам ва либосҳои шуморо харида медиҳам, - сари писарашро силакунон таскин бахшид Салим, ки бехабар аз пешомади тақдир кайҳо нақшаи ба кӯҳ рафтанро якҷо бо Довуди писари ҳамсоя кашида буд.

Субҳи рӯзи дигар ба назди фарзандон бо дасти холӣ баргашт, аниқтараш мурдаи сарди Салимро оварданд. Кӯдакони бечораю ҳайратзада бошанд, сарулибоси мактабиро фаромӯш карда, дар гӯшае нишаста, ашк мерехтанд. Барои Салим, ба қавле, фарзанди кӯҳ, ки ҳар сангу ғору дараи он барояш шинос буд, он шикори охирин гашт. Ӯ на аз борае ҷар шуду на дар задухӯрд бо даррандае ҳалок гашт, балки бо дасти шикорчии дигар кушта шуд. Аз дасти қотиле, ки бо ҳам шинос ва борҳо ҳамсуҳбату ҳамнишин ва ҳампеша буданд, аз дасти Кӯри Ҳикмат.

Салим ва чанд тани мисли ӯ кабкбоз, аслан на бо милтиқи шикорӣ, балки бо қилаку дом барин воситаҳо ба шикор машғул мешуданд. Бо кабкҳои бо мағзи пистаю чормағз парваридаашон дар ҷои муносиби кӯҳ камин мегирифтанд. Онҳо дар каме дурӣ ноаён домҳоро мегузоштанд ва интизорӣ мекашиданд. Гоҳо шикорашон барор мегирифту хурсанд мешуданд, гоҳи дигар ноумед мегаштанд. Ҳамин тариқ, кабкҳои дастпарвар ба хушхонӣ даромада, кабкҳои ваҳширо ҷалб месохтанд.

Мутаассифона, дар оғӯши кӯҳ ҷанг танҳо байни одамон ва ҳайвоноту парандаи даштӣ намерафт, балки одамон аз рӯи ҳирс тайёр буданд, ки ҳамдигарро гургвор пора - пора созанд, то аз суду манфиати бештар баҳравар гарданд. Бехабар аз он ки кӯҳ ҳоким ва қонуни худро дорад, орзуи соҳибият ба қаламрави бештареро мекарданд. Гумон доштанд, ки дар мавзеъҳои дурдасту пурҳавли кӯҳӣ, ғайри онҳо дигар касе нест ва ҳар коре, ки хоҳанд, кардан мегиранд. Хулоса, бо рафтори ноҷояшон кӯҳро ба хашм меоварданд. Эҳсос карда наметавонистанд, ки ҳар қадаму амали онҳо аз назари кӯҳ пинҳон намемонад. Ҳар дарахту гиёҳ, харсангу теға дар ин ҷо қудрати дидану ҳис карданро доранд. Кӯҳ ҳам бо дили бузургаш баъзан гузаштҳо мекунад. Он одам медонад, ки ҳар мавҷуди зинда ба хотири зинда мондан, бояд аз пайи ризқу рӯзӣ бошад. Осон набошад ҳам хӯрда шудани оҳуи зеборо аз тарафи гургону шерон як амри воқеӣ медонад. Ҳам медонад, ки парандаҳою чарандаҳои дигар ризқашонро аз алафу гиёҳҳо ва долу дарахтон



пайдо менамоянд. Ҳатто бархе аз инсонҳо ҳам барои ризқ ба даст овардан ба шикори ваҳшиён машғуланд. Мефаҳмад, вале дар сурати зиёдаравӣ, харобкорӣ, беинсофӣ таҳаммул карда наметавонад ва ҳатман ба ҷазо мубтало месозад. То ҳол касе, ҳатто ҳамон кӯҳгардҳои моҳир низ пурра намедонанд, ки дар дили кӯҳ чӣ асроре нуҳуфтааст у чӣ қувваҳои ба чашми одамӣ ноаён арзи ҳастӣ доранд? Борҳо одамон ба фалокат дучор гардида, ҷонро аз даст дода бошанд ҳам, дигарон онро аз беэҳтиётӣ медонанд, ки дар асл асрори дигар дорад. «Морбоз аз мор, кӯҳгард дар кӯҳ ва оббоз дар дарё ба ҳалокат мерасад» гуфтани мардум ҳам беҷо нест. Кӯҳ дар қаламраваш эҳтиром тақозо мекунад, дар акси ҳол вокуниш нишон медиҳад.

Дар бораи корҳои бади Салим чизе тахмин задан маҳол бошад ҳам, дар бораи Кӯри Ҳикмат хулқу хӯи хунукаш гап зиёд буд. Аз ӯ на танҳо кӯҳ бо ҷонваронаш, балки ҳамсояҳо безор шуда, худро дур мегирифтанд. Ҳама кори ношоистаро аз ӯ интизор шудан мумкин, зеро аз инсоф, раҳм маҳрум буд. Ҳамон шаби наҳс ҳам аз нияти ба шикор рафтани Салим тавассути худи ӯ хабардор шуда, бо мақсади аз байн бурдани ҳариф нақшаи ифлос тартиб дод. Милитиқи шикорӣ дар китф барвақттар ба он мавзеъ, ки Салим бо ҳамроҳаш бояд қарор мегирифтанд, рафта, дар ҷое пинҳон шуд ва фаро расидани шабро мунтазир гардид. Бо истифода аз торикӣ худро ба онҳо наздиктар намуд ва чандин маротиба барои озмоиш он ҷоро бо ҳамон як чашм нишон гирифт. Дигар шикорчиён пеш аз камон тир задан, як чашмашонро мепӯшиданд, ки барои Кӯри Ҳикмати якчашма ин зарурат надошт ва аз моҳиртарин мерганҳо маҳсуб меёфт. Ниҳоят, қарибиҳои расидан ба субҳ ӯ тир кушод. Мутаассифона, тир хато нахӯрд ва рост ба ҷуссаи лоғари Салим расид, ки ҳамон замон ҷон ба Ҷонофарин таслим кард. Тири дигар ба пои рости Довуди ҷавон бархӯрд, ки чунин ранг гирифтани корро ҳаргиз интизор набуд. Ҷавони аз омаданаш сад бор пушаймон, ҳамроҳашро ғарқ дар хун дида, муддате аз тарс ва гармии бадан ҷароҳаташро фаромӯш кард ва ба чор тараф нигоҳ дошт, то аз куҷо омадани тирро муайян кунад. Баъдан, барои аз бало ҳар чӣ зуд дур шудан, бархоста, лангон – лангон чун сайди тирхӯрда, рӯ ба гурез ниҳод.

Банохост садои касе баланд гардид, ки ӯро ба истодан ва ёрӣ расондан ба Салим даъват менамуд ва худро сафед карда дод мезад, ки ин корро қасдан накардааст. Онҳоро дар торикӣ нашинохта, сайд пиндоштааст. Довуд овози Кӯри Ҳикматро шинохт ва осемасар аз захм поёнтари пояшро бо ресмон сахт баста, қадаммониашро тезонид. Хушбахтона, масофа байни ӯ ва Кӯри малъун дур гашта буд ва Довуд барои мабодо таёқи боқувввати дасташро баҳри дифоъ нигоҳ медошт, вале аз чӣ бошад, Кӯр дигар ӯро таъқиб накард ва Довуд бо азобе баъди хеле роҳро тай кардан ба роҳи калони мошингард баромад. Ба бахти ӯ дар ин саҳари барвақт мошине ба самти маркази ноҳия равон аз пешаш баромад. Ронанда мошинро нигоҳ дошта, аҳвол пурсид ва фавран Довудро ба беморхонаи ноҳия расонд. Сипас, ба Шуъбаи корҳои дохилии ноҳия аз ҳодиса хабар дод.

Кӯрро дастгир ва Салимро дафн карданд. Миш - миши одамон ҳам рост баромад. Кадом хеши Кӯри Ҳикмат дар мақомоти прокуратура дар вазифаи муҳим кор мекардааст. Масъаларо табъи дил қаламдод намуданду моҳе нагузашта одамон Кӯри Ҳикматро мисле ки чизе нашуда бошад, озодона дар кӯчаю бозор диданд.

Акнун, майдони шикор фарох гардида, ӯ худро шоҳи кӯҳ тасаввур мекард. Чун одат азми шикор кард, бехабар аз он ки кӯҳ ӯро ба сӯи худ мекашад. Баски ҳар ваҷаб роҳу баландию хамиҳои мавзеъро хуб медонист, бо дили пур ва табъи болидаю димоғи чоқ давон ҷониби аҷал раҳсипор шуд. Шикори навбатӣ барояш вопасин гардид. Бо гузашти ду - се рӯз овоза паҳн гашт, ки Кӯри Ҳикмат лағжида, ба ҷарӣ сарозер шуда, мурдаи бӯйгирифтаашро кадом шикорчие тасодуфан дида, хабар расондааст.

Табиист, ки кулли фалокатҳои дар кӯҳ рухдодаро шарҳ чунин аст. Дар асл, касе намедонад, ки табиат, кӯҳ ҳам барои ҷинояту бедодгарӣ ҳатман касеро беҷазо намемонад ва тавассути қувваҳои ноаён ҳатман интиқом мегирад. Воқеияти мурданашро Кӯр ҳам бо худ бурд, вагарна, бисёр чизҳои норавшан равшан мегардиданд. Хеши мақомдори дасту дил нопокашро низ ҷазое ба ҳамин монанд дар пеш аст, зеро қонуни ҳаётро касе қудрати дигар кардан надорад.

**Мирзо РУСТАМЗОДА,**
**«Садои мардум»**

ОБУНА - 2023

ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ» - НАШРИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2023 ИДОМА ДОРАД.

ТАВАССУТИ ОН «САДОИ МАРДУМ» БА ҲАР ХОНАДОНУ КОРГОҲИ КИШВАР РОҲ ЁФТА, ШУМОРО АЗ ТОЗАТАРИН ВА МУҲИМТАРИН НАВИДҲОИ ВАТАНИ АЗИЗ ВА БЕРУН АЗ ОН ХАБАРДОР МЕКУНАД.

НАРХИ СОЛОНА БО ДАРНАЗАРДОШТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА ХИЗМАТРАСОНИИ МУАССИСАҲОИ АЛОҚАИ ПОЧТА, БАРОИ ЯК НУСХА 180 СОМОНӢ МУҚАРРАР ШУДААСТ.

*Обуна дар идораи рӯзнома, муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳои кишвар қабул шуда, пешоҳангон, ҳамчунин, шахсони алоҳидае, ки бо идораи рӯзнома шартнома баста, дар ин кор саҳм мегиранд, қадрдонӣ мегарданд.*

*Суроға: 734018, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16 (ошёнаи 6). Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рӯзномаи «Садои мардум»:* с/ҳ 20202972701904102000; ҳ/м 20402972316264; БИК 350101626; РМА 030004877; Шуъбаи №2 БДА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе. Индекси обуна: 68852. Телефонҳо барои маълумот: 238-53-71, 238-53-49, 238-52-97.


## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 21 октябри соли 2022 озмуни №11-ро оид ба иҷора супоридани амволи давлатӣ эълон менамояд

| № р/т | Дорандаи баланс | Суроға | Тавзеҳоти объекти иҷора | Таъинот | Нархи ибтидоии солонаи объекти иҷора (бо сомонӣ) | Муҳлати иҷора |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Муассисаи давлатии «Сирки давлатии Тоҷикистон» | ш. Душанбе, к. Н. Қарабоев - 2 | масоҳати 30 $м^2$ аз ҳисоби бинои муассиса | маъмурӣ | 9000 | 1 сол |
| 2 | Суди ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 168/1 | масоҳати 95,12 $м^2$ аз ҳисоби бино | хӯроки умумӣ | 22000 | 1 сол |
| 3 | Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ - 36 | масоҳати 1,2 $м^2$ аз ҳисоби бинои асосӣ | барои гузоштани таҷҳизоти бонкӣ (банкомат) | 1440 | 1 сол |
| 4 | Корхонаи воҳиди давлатии «Кохи афсарон»-и Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ф. Ниёзӣ - 54 | масоҳати 53,43 $м^2$ аз ҳисоби бинои корхона | маъмурӣ | 13000 | 1 сол |
| 5 | Муассисаи таълимии давлатии «Мактаби байналмилалии президентӣ» дар шаҳри Душанбе | ш. Душанбе, к. Карамов - 101 | масоҳати 200,3 $м^2$ аз ҳисоби ошёнаи дуюми бино | хӯроки умумӣ | 16800 | 1 сол |
| 6 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш. Душанбе, х. С. Шерозӣ - 16 | масоҳати 2 $м^2$ аз ҳисоби боми бино | техникӣ | 2432 | 1 сол |
| 7 | Муассисаи ислоҳии ЯС 3/4 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Чортут | масоҳати 44 $м^2$ аз ҳисоби муассисаи ислоҳии ЯС 3/4 | савдо | 7920 | 3 сол |
| 8 | Муассисаи ислоҳии ЯС 3/2 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Ваҳдат, шаҳраки Хиштгарон | масоҳати 20 $м^2$ аз ҳисоби муассисаи ислоҳии ЯС 3/2 | савдо | 4320 | 3 сол |
| 9 | Муассисаи ислоҳии ЯС 3/7 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов - 69 | масоҳати 12 $м^2$ аз ҳисоби муассисаи ислоҳии ЯС 3/7 | савдо | 2880 | 3 сол |
| 10 | Муассисаи давлатии «Театри давлатии ҷумҳуриявии Лӯхтак» | ш. Душанбе, к. Шоҳтемур - 54/1 | масоҳати 109 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуд ва биноҳои театр | маъмурӣ ва истеҳсолӣ | 12947 | 3 сол |
| 11 | Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон | ш. Хуҷанд, маҳаллаи 17, бинои 1 | масоҳати 19 $м^2$ аз ҳисоби бинои таълимии №2 ва масоҳати 8 $м^2$ аз ҳисоби назди бинои таълимии №2 | савдои маводи канселярӣ | 4764 | 3 сол |
| 12 | Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров | ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков - 1 | масоҳати 8,7 $м^2$ аз ҳисоби бинои таълимии №2 | савдо | 1555 | 3 сол |
| 13 | Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров | ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков - 1 | масоҳати 7,48 $м^2$ аз ҳисоби бинои факултети «Филология», воқеъ дар кӯчаи Ленин 52 | савдо | 1340 | 3 сол |
| 14 | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Б. Ғафуров | ш. Ғафуров, к. Ленин - 140 | масоҳати 40 $м^2$ аз ҳисоби бинои ёрирасон | анбор | 6525 | 2 сол |
| 15 | Маркази техникии телевизион ва радиои ҷумҳуриявии Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Беҳзод - 7 «а» | масоҳати 300 $м^2$ ва 14 адад номгӯи воситаҳои асосӣ аз ҳисоби бинои марказ | хӯроки умумӣ | 15000 | 3 сол |
| 16 | Корхонаи фаръии КВД «Тоҷикзоотсервис» дар вилояти Суғд | ш. Хуҷанд, к. Хуҷандӣ - 13 | масоҳати 68 $м^2$ аз ҳисоби анборхона | анбор | 4000 | 1 сол |
| 17 | Корхонаи воҳиди давлатии «Фулузоти нодири Тоҷикистон» | ш. Чкалов, к. Опланчук - 12 | масоҳати 700 $м^2$ аз ҳисоби бинои ТТКИ | анбор | 210000 | 1 сол |
| 18 | Раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти Суғд | ш. Хуҷанд, х. Р. Хоҷиев - 28 | 1 утоқи корӣ бо масоҳати 15 $м^2$ аз ҳисоби бинои гумруки Мастчоҳ | маъмурӣ | 9625 | 1 сол |
| 19 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов - 6/7 | утоқи кории №70 бо масоҳати 17 $м^2$ аз ҳисоби бинои №14А | анбор | 4000 | 1 сол |
| 20 | Корхонаи воҳиди давлатии «Почтаи тоҷик» | ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ - 125 | масоҳати 3,6 $м^2$ аз ҳисоби шуъбаи алоқаи №3 | хизматрасонӣ | 1320 | 1 сол |
| 21 | КВД «Маркази миллии ташхису табобат ва таълимӣ» | ш. Душанбе, к. Деҳотӣ - 48 | масоҳати 15 $м^2$ аз ҳисоби ошёнаи якуми бино | савдо | 7632 | 1 сол |
| 22 | КВД «Савдои ҳарбӣ»-и Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Шоҳтемур - 31 | масоҳати 115 $м^2$ аз ҳисоби бинои қисми ҳарбии 0123, воқеъ дар н.Рӯдакӣ | савдо | 20000 | 1 сол |
| 23 | ШСХК «Барқи Тоҷик» | ш. Душанбе, к. И. Сомонӣ - 64 | масоҳати 239,5 $м^2$ аз ҳисоби тагхонаи бино | хӯроки умумӣ | 30000 | 1 сол |
| 24 | Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Саид Носир - 33 | масоҳати 18 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди назди бино | савдо | 12000 | 1 сол |
| 25 | МД «Пажӯҳишгоҳи илмию клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй» | ш. Душанбе, к. Хуҷандӣ - 13 | масоҳати 22,5 $м^2$ аз ҳисоби бинои корхона | истеҳсолӣ | 3400 | 1 сол |
| 26 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов - 6/7 | анбори №49 бо масоҳати 115,5 $м^2$ аз ҳисоби бинои №14А | анбор | 30000 | 1 сол |
| 27 | Муассисаи давлатии «Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб» | ш. Кӯлоб, к. И. Сомонӣ | масоҳати 5 $м^2$ аз ҳисоби боми бинои «Осорхонаи 2700 - солагии Кӯлоб» | техникӣ | 3012 | 1 сол |
| 28 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ - 17 | масоҳати 6 $м^2$ аз ҳисоби шаҳраки донишҷӯёни донишгоҳ | техникӣ | 3612 | 1 сол |
| 29 | ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | ш. Турсунзода | масоҳати 46 $м^2$ аз ҳисоби боми бинои лабораторияи марказии корхона | техникӣ | 27625 | 1 сол |
| 30 | Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. А. Ғуломов - 37/1 | масоҳати 32 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди донишкада | техникӣ | 19212 | 1 сол |
| 31 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Шифобахш» | ш. Душанбе, к. И. Сомонӣ - 59 | масоҳати 25 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди марказ | техникӣ | 15024 | 1 сол |

Қабули дархостҳо барои иштирок дар озмун ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21 оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии озмун анҷом меёбад. Ҷои баргузории озмун - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, телефонҳо: 221-73-74, 221-33-66 ва ш. Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, телефон: (83422) 4-52-91, мобилӣ: 92-758-00-96.**

Озмун соати $10^{00}$ баргузор мегардад. Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар озмун ба даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як иншоот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, иҷорагир ба ҳисоби корхона боҷи комиссиониро ба андозаи 5 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби корхона ва боҷи давлатиро ба андозаи 0,1 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби дахлдор пардохт менамояд, ки ин маблағҳо ба арзиши иншооти иҷора дохил намешавад. Ғолиби озмун он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад. Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани озмун ба суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-33-66, 221-49-87, 221-73-74 ё сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 1 ноябри соли 2022 музоядаи № 20-ро оид ба фурӯши амволе, ки давлатӣ гардидаанд, барпо менамояд

| т/р | Номгӯй | Суроға | Масоҳати умумии қитъаи замин (га) | Масоҳати умумии бино ва иншоот ($м^2$) | Арзиши ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Заводи асфалтбарорӣ бе таҷҳизот | шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Сомон, деҳаи Авғонобод | 2,72 | 634,7 | 2 763 545 |
| 2 | Нуқтаи таъмири автомашинаҳо | шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Хонақоҳ, деҳаи Авғонобод | 0,46 | 1207,0 | 512 009 |
| 3 | Бино ва иншооти қитъаи таъмири роҳи №2-и МДНРА | шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Ориён, деҳаи Мурутак | 1,10 | 638,2 | 387 381 |
| 4 | Ҳавлии истиқоматӣ | шаҳри Ҳисор, кӯчаи Б. Ҳилолӣ - 82 | 0,07 | 280,3 | 378 967 |
| 5 | Ҳавлии истиқоматӣ | шаҳри Ҳисор, кӯчаи Б. Ҳилолӣ - 84 | 0,06 | 190,9 | 205 062 |
| 6 | Ҳавлии истиқоматӣ | шаҳри Ҳисор, кӯчаи Б. Ҳилолӣ - 88 | 0,06 | 301,9 | 1 047 894 |
| 7 | Мағоза ва дорухонаи хусусӣ | шаҳри Ҳисор, кӯчаи Исмоили Сомонӣ, хонаи 26 | 0 | 206,2 | 437 041 |
| 8 | Филиали «Агроинвестбонк» дар шаҳри Ваҳдат | шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Туғдона - 31 | 0,51 | 1687,8 | 7 765 387 |
| 9 | Анбор ва нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ | шаҳри Ваҳдат, деҳаи Тангаӣ | 0,42 | 419,9 | 840 535 |
| 10 | Хонаи истиқоматӣ | шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Салимзода, хонаи 67 | 0,07 | 644,6 | 1 017 127 |
| 11 | Хонаи истиқоматӣ | ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чортеппа, деҳаи Ҷӯйбодом | 0,07 | 305,6 | 366 692 |
| 12 | Хонаи истиқоматӣ | ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Ҳуснобод | 0,03 | 227,1 | 314 958 |
| 13 | Ҳавлии истиқоматӣ | ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Қиблаӣ, деҳаи Чавалай | 0,10 | 352,9 | 302 597 |
| 14 | Терминали воситаҳои нақлиёти боркаш ва мусофирбар | ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯчаи Ватан | 0,30 | 666,2 | 587 608 |
| 15 | Нуқтаи таъмири нақлиёт | ноҳияи Шаҳринав, Ҷамоати деҳоти Сабо, деҳаи Қади ҷӯйбор | 0,80 | 1931,8 | 1 288 486 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда соати **$10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# БУНЁДИ МАРКАЗҲОИ ОМӮЗИШӢ БАҲРИ РУШДИ ҶАВОНОН

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи ҳамкориҳо бо Бонки ҷаҳонӣ маблағҳои грантиро барои татбиқи «Лоиҳаи таҳкими устувории иҷтимоӣ-иқтисодӣ» ҷалб намуда, дар ноҳияҳои Ванҷ, Шуғнон, Ишкошим, Панҷ, Фархор, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва шаҳри Кӯлоб марказҳои омӯзиши ҷавонон бунёд намуд.**

**Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид ҳабдаҳ маркази омӯзишӣ бо таҷҳизоти компютерӣ ва мебелу лавозимоти зарурӣ таъмин гардида, ҷиҳати ташкилу баргузории чорабиниҳо барои ҷавонон шарик оид ба татбиқ фаъолият менамояд.**

**Дар маҷмӯъ, баҳри рушди ҷавонон дар минтақаҳои фарогири «Лоиҳаи таҳкими устувории иҷтимоӣ-иқтисодӣ» гузаронидани омӯзишҳо пешбинӣ шуда, минбаъд ҷиҳати таъмин намудани баҳрагирандагони мақсаднок бо манбаъҳои воситаҳои зиндагӣ имкониятҳои лоиҳавӣ муҳайё мегарданд.**

## ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ФАРМОИШ

**аз 1 августи соли 2022, № 1144, шаҳри Душанбе**

**Дар бораи тартиби ба иҷора додани китобҳои дарсӣ ва маблағҳои гардони китобҳои дарсӣ дар муассисаҳои таълимӣ**

**170.100.020**

Мутобиқи сархати ёздаҳуми банди 8 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145 тасдиқ шудааст ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Тартиби ба иҷора додани китобҳои дарсӣ ва маблағҳои гардони китобҳои дарсӣ дар муассисаҳои таълимӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ якҷо бо шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ, бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмии фармоиши мазкурро таъмин намоянд.

3. Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ рафти амалӣ гардонидани фармоиши мазкурро дар муассисаҳои таълимӣ зери назорати ҷиддӣ қарор диҳад.

4. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

5. Фармоиши вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2010, №2859 «Дар бораи тасдиқ намудани «Тартиби ба иҷора додани китобҳои дарсӣ ва маблағҳои гардони он дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 апрели соли 2011, №609 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илм Хайрзода Шукрулло Курбоналӣ гузошта шавад.

**Вазир Саидзода Раҳим Ҳамро**

**Шакли пурраи тартиби ба иҷора додани китобҳои дарсӣ ва маблағҳои гардони китобҳои дарсӣ дар муассисаҳои таълимӣ 170.100.020 дар сомонаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон www.maorif.tj ҷой дода шудааст.**

**Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Феҳристи баҳисобгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами Р/Б 1187 аз 8 сентябри соли 2022 ба қайд гирифта шудааст.**

## ЭЪЛОН!

Маблағи сармояи оинномавии ҶСП «Олими пищепром» аз 2750327 сомонӣ ба маблағи 2513027 сомонӣ кам карда шуда, ба андозаи 237300 сомонӣ муқаррар карда мешавад.

## ДАРАК ДИҲЕД!

✓ Суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба шаҳрванд Қурбонов Суҳроб Абдулазизович, санаи таваллудаш - 3 апрели соли 1970, сокини шаҳри Душанбе, кӯчаи Фирдавсӣ, бинои 15/4, ҳуҷраи 5 пешниҳод менамояд, ки ба суд ҳозир шавад ё аз худ дарак диҳад.

Аз ҳамаи онҳое, ки дар бораи Қурбонов С. А. маълумоте доранд, хоҳишмандем ба Суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе хабар диҳанд.

✓ Суди шаҳри Панҷакент ба шаҳрванд Холиқулова Бувражаб Якубовна, санаи таваллудаш - 1 августи соли 1972, сокини шаҳри Панҷакент, Ҷамоати деҳоти Халифа Ҳасан, деҳаи Наврӯзтеппа (собиқ Қӯштеппа) пешниҳод менамояд, ки ба Суди шаҳри Панҷакент ҳозир шавад ё аз худ дарак диҳад.

Аз ҳамаи онҳое, ки дар бораи Холиқулова Б. Я. маълумоте доранд, хоҳишмандем ба Суди шаҳри Панҷакент хабар расонанд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шаҳодатнома оид ба фаъолияти соҳибкории инфиродии №0072629 бо РЯМ 6030024789-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 12 майи соли 2010 ба Алибекова Ноила Зайнитдиновна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартнома дар бораи ба ҳуқуқи моликият супоридани квартираи силсилаи ДШ №1322460 таҳти феҳристи 3ДШ 1396-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 27 декабри соли 2021 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, бинои 25, блоки А, ҳуҷраи 37 ба Холов Садулло Насруллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 29 декабри соли 2021 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, бинои 25, блоки А, ҳуҷраи 37 ба Холов Садулло Насруллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии №55496-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 29 декабри соли 2021 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, бинои 25, блоки А, ҳуҷраи 37 ба Холов Садулло Насруллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии силсилаи Д №19338-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2019 ба Абдураҳмонов Идрис Мирзобоқиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии №20085-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2020 ба Ҳалимов Қурбоналӣ Маҳмадович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи БП №597393-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №147 ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) соли 1979 ба Урокова Шарифа Раҷабовна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи БТ №568400-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №62-и ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) (ҳоло МТМУ №116-и ноҳияи Сино)-и шаҳри Душанбе соли 1984 ба Табаров Маҳмадкасир Сангович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии силсилаи Г №21295-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур соли 2021 ба Музафарзода Меҳтаршо додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ бо РЯМ 0430145559-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 15 июни соли 2013 ба Насриддинов Олимхон Эмомалиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии силсилаи К-19050- и гумшуда, ки онро МИСИС-и шаҳри Душанбе соли 2019 ба Хурамов Равшан Махмудович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи бақайдгирӣ бо РМА №180013879- и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоб соли 2013 ба муассисаи таҳсилоти иловагии шаҳри Кӯлоб додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи нафақавии №11842-и гумшуда, ки онро Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2014 ба Ашуров Сангинбой Хушвахтович додааст, эътибор надорад.

✓ Созишнома дар бораи гузашт кардани ҳуқуқи талаботи силсилаи ДШ №1177136 таҳти феҳристи №2F 1872-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 17 августи соли 2020 аз тарафи Шарифҷони Саидраҳмон ба Дилафрӯзи Толибшо додааст, эътибор надорад.

✓ Аппарати хазинавии силсилаи МНХ №1021413-и гумшуда бо РМА 375241370, ки онро ширкати «АММАГРУП» соли 2017 ба маркази дилхушии соҳибкори инфиродӣ Раҳимова Зайнура додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ бо рақами инвентарии 14385- и гумшуда, ки онро КФБТ-и шаҳри Ҳисор 6 августи соли 2008 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Сомон, деҳаи Гулрез ба Олимов Маъбур додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши молхонаи силсилаи ДШ №0059500 таҳти феҳристи №296-194-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ваҳдат бо суроғаи ноҳияи Файзобод, деҳаи Хоҷамард (ҳоло Ҷамоати деҳоти Ҷавонон, деҳаи Сари Чанор) ба Саидов Ғиёс додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши квартираи силсилаи ДШ №0716265 таҳти феҳристи №8Ш 989-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 4 апрели соли 2016 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷ. Расулов (собиқ Шестопалов), бинои 70/11, квартираи 24 ба Хучакова Ҳидоятбӣ Абсаматовна додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти №0454533 бо РЯМ 6030153159-и гумшуда, ки онро Нозироти андозии шаҳри Панҷакент 7 августи соли 2020 ба Тулибоева Гулоро Мирзоҳомидовна додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

Холиқова Шарофат Норхоновна, ки дорои Шаҳодатнома барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии №0102391 буда, онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 20 январи соли 2014 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

✓ ҶДММ «Академияи таҳсилоти Аврупоӣ», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии №0267421, РЯМ 0410037155, РМА 040059321 ва Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ буда, онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2021 додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Аҳли кормандони Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба ходими калони илмии лабораторияи ба заминҷунбӣ тобоварии биноҳо ва иншоотҳо Сангинов Абдусамад Мирвафоевич бинобар вафоти МОДАРАШ изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.**


**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**



Садои мардум

САРМУҲАРРИР
*АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло*

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супориш) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97*

*Ба чопаш 30 сентябри соли 2022, соати 14:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33425 нусха*

Навбатдори шумора А. Мирзозода

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров